| | |
|---|---|
| **«Тасдиқ мекунам»**<br>**Вазири молияи**<br>**Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>**___________________**<br>**Наҷмиддинов С.М.**<br>**«___»________с. 2010** | **«Тасдиқ мекунам»**<br>**Вазири маорифи**<br>**Ҷумҳурии Тоҷикистон**<br>**___________________**<br>**Раҳмонов А.А.**<br>**«___» _______с. 2010** |

**Дастурамал**
**оид ба маблағгузории сарикасӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

Мувофиқи моддаи 41-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахс ҳуқуқи маълумот гирифтанро дорад. Маълумоти умумии асосӣ ҳатмӣ мебошад. Давлат маълумоти умумии асосии ҳатмиро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ба таври ройгон кафолат медиҳад.

Мувофиқи моддаи 13-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» бунёди хароҷоти давлатӣ барои маориф ба принсипҳои ягонагии сохтор, шакл, усул ва воситаҳои фаъолият, меъёрҳои минималии давлатии стандартҳои иҷтимоии таъминоти буҷетӣ, хароҷоти молиявӣ барои расонидани хизматрасониҳои таълимӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, асос меёбад.

Бо мақсади амалӣ гардонидани талаботи моддаҳои зикргардида ва татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 №505 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» аз 1 январи соли 2010 сар карда дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба ғайр аз мактабҳои махсус ва мактаб-интернатҳо) тибқи маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосии ислоҳоти мазкур таъмин намудани тақсимоти боадолат ва шаффофи маблағҳои давлатӣ байни ноҳияҳо ва баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо мебошад. Дастурамали мазкур тартиби маблағгузории мёъёрӣ (сарикаси)-и муассисаҳои таҳсилоти умумиро муайян намуда, фаъолияти мақомоти маҳаллии маориф ва молия, роҳбарият ва кормандони дахлдори мактабро дар робита ба раванди мазкур ба танзим медарорад.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Маблағҳо барои мактабҳои бояд бо пакети ягона (маблағи умумӣ) бе тақсимот ба моддаҳои гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ (Гурӯҳбандии буҷетӣ – гурӯҳбандии даромад ва хароҷот, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ки барои таҳияи буҷет ва нишондиҳандаҳои сатҳҳои гуногуни низоми Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад) ҷудо карда шаванд.

1.2. Пакети (маблағи умумӣ) буҷети мактаб ҳамаи хароҷотро, ки ба фаъолияти муассисаи таълимӣ вобастаанд, ғайр аз хароҷоти сохтмони асосӣ ва курсҳои такмили ихтисос, дар бар мегирад.

1.3. Ҳар як мактаб мустақилона пакети худро (маблағи умумӣ) ба моддаҳои гурӯҳбандии буҷетии иқтисодӣ, мутобиқи гурӯҳбандии буҷетӣ, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрӣ, дар асоси меъёрҳо ва коэффисиентҳои махсус, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд, тақсим менамояд.

1.4. Музди меҳнати ҳайаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мувофиқи тарификатсия муайян карда мешавад.

1.5. Музди меҳнати кормандони техникӣ ва ҳайати хурди хизматрасон мувофиқи ҷадвали басти вазифаҳо ба андозаи на камтар аз музди меҳнати минималӣ ва на зиёда аз андозаи меъёри музди меҳнати омӯзгори синфҳои болоӣ бо таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда мешавад.

1.6. Ҳар як мактаб сметаи ягонаи даромад ва хароҷотро мутобиқи гурӯҳбандии буҷетӣ тартиб медиҳад, ки аз ҷониби шӯъбаи маориф тасдиқ мегардад ва дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии молия барои маблағгузорӣ ба хазинадорӣ пешниҳод карда мешавад.

1.7. Дар давоми сол маблағҳои тасдиқшудаи мактаб ба буҷаи ноҳия (шаҳр) пас гардонида намешаванд ва ба дигар муассисаҳо, аз ҷумла мактабҳо, ба истиснои ҳолатҳои дар қонун дар бораи буҷети давлатӣ пешбинишуда тақсим карда намешаванд.

1.8. Маблағгузории меъёрӣ ҳамаи мактабҳои ноҳия ва шаҳрҳоро новобаста аз типи мактаб ва шумораи хонандагон, ба ғайр аз мактаб-интернатҳо ва мактабҳои махсус дар бар мегирад.

1.9. Ҳисоботи пурра оид ба буҷети мактаб ва истифодабарии он бояд бо овехтани маълумот оид ба сметаи даромад ва хароҷоти мактаб ва иҷрои он дар ҷойи намоён манзури омма гардонида шавад.

## 2. Дастурҳои методӣ оид ба ҳисоб намудани буҷети (пакети) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Буҷети мактаб (пакет) дар асоси формулаи зерин муайян мегардад:

$$\textbf{БМ=МХ * ШХ + ММ}, \qquad (1)$$

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;
ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;
МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи мактаб;
ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз типи мактаб;

Ҳисоби буҷети муассисаҳои таълимии ноҳияҳое, ки барояшон бар замми формулаи маблағгузории сарикасӣ коэффисиентҳои махсуси ноҳиявӣ (КМН) тасдиқ шудааст, ба таври зайли сурат мегирад :

$$\textbf{БМ = (МХ * ШХ + ММ)*КМН}, \qquad (2)$$

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;
ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;
МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи мактаб;
ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз типи мактаб;
КМН - коэффисиентҳои махсуси ноҳиявӣ.

Барои гимназия ва литсейҳо, ки таҳсил бо барномаи махсус аз синфи якум оғоз мегардад буҷети мактаб бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\textbf{БМ = ШХ *(МХ *1,1) + ММ}, \qquad (3)$$

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;
ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;
МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз типи мактаб;
ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз типи мактаб;
1,1 - коэффисиенти махсус барои гимназияву литсейҳо, ки таҳсил бо барномаи махсус аз синфи якум оғоз меёбад.

Барои литсейҳое, ки таҳсил бо барномаи махсус аз синфи 5 –ум оғоз мешавад буҷети мактаб аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\textbf{БМ = ШХ *(МХ *1,15) + ММ}, \qquad (4)$$

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;

МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз шакли мактаб;

ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;

ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз шакли мактаб;

1,15 - коэффисиенти махсус барои литсейҳое, ки дар онҳо таҳсил бо барномаи махсус аз синфи панҷум оғоз мешавад;

Барои мактабҳои дар деҳот ҷойгиршуда, ки шумораи хонандагонашон аз 400 нафар кам буда таҳсил бо ду забон (ё зиёда аз он) бурда мешавад, буҷети мактаб бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**БМ = (ШХ * МХ + ММ)*1,1, (5)**

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;

МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз шакли мактаб;

ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;

ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз шакли мактаб;

1.1 – коэффисиенти махсус барои мактабҳои бисёрзабона;

Барои мактабҳое, ки дар дигар маҳалҳои истиқоматӣ филиалҳо доранд, буҷети мактаб бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

**БМ = МХ * ШХ + (ММ* (1,1 + 0,1 КФ) (6)**

дар ин ҷо,

БМ – буҷети мактаб;

МХ – меъёри минималӣ барои як нафар хонанда вобаста аз шакли мактаб;

ШХ – шумораи хонандагон ба 1 январи соли ҷории молиявӣ;

ММ – меъёри минималӣ барои як мактаб вобаста аз шакли мактаб;

1,1 - миқдори филиалҳо дар дигар маҳалҳои истиқоматӣ

2.1 Пеш аз он ки буҷети мактабҳо аз тарафи мақомоти молия ба мувофиқа расонида шаванд, шӯъбаҳои маорифи ноҳияҳо бояд буҷети мактабҳои ноҳияро, пурра ҳисоб намуда таҳлили модели маблағгузории меъёриро гузаронанд (сабаби норасоии маблағро дар мактабҳо аниқ намоянд).

2.2. Дар сурати нарасидани буҷети баъзе мактабҳо барои пӯшонидани Фонди музди меҳнат, ки дар асоси таҳлили пешакӣ тибқи банди 2.1, мақомоти молияи шаҳр/ноҳия ҳуқуқ доранд, ки то 5 фоизи маблағҳои барои мактабҳо пешбинишударо дар байни чунин мактабҳо аз нав тақсим намоянд.

2.3. 5 %-и маблағи барои мактабҳо ҷудошуда наметавонад дар сатҳи ноҳия ҳамчун захира нигоҳ дошта шавад.

2.4 Пас аз азнавтақсимкунии маблағҳо аз тарафи мақомоти молияи шаҳр/ноҳия мактабҳо бояд на камтар аз 95 фоизи буҷеташонро, ки тибқи банди 2.1 –и ҳамин дастур ҳисоб карда шудааст, гиранд.

2.5 Ҳангоми тасдиқи буҷети мактаб фонди музди меҳнат бе назардошти зиёдшавии музди меҳнат ҳисоб карда мешавад, чунки меъёри минималӣ баландшавии маошро ба инобат намегирад.

2.6. Мақомоти молияи шаҳру ноҳияҳо дар ҳолати зиёдшавии навбатии музди меҳнат, бо мақсади пардохт намудани норасоии фонди музди меҳнат, ҳуқуқ доранд аз ҳисоби маблағҳои буҷетии шаҳр/ноҳия, ки ба ин мақсад пешбинӣ шудааст, тағйироту иловаҳо ба буҷети тасдиқшудаи мактабҳо ворид намоянд.

2.7. Маблағгузории мактаб тибқи меъёрҳои минималии маблағгузорӣ амалӣ гардида, ба талаботи минималии мактаб баробар аст. дар ҳаҷми тибқи формулаҳои банди 2 ҳисоб карда шуда, маблағгузорӣ карда мешавад. Аз ин сабаб ҳангоми норасоии маблағ роҳбарони мактабҳоро лозим аст, ки ба пуршавии синфҳо диққат

дода, ихтисори синфҳоро гузаронанд.

2.7. Маълумот оид ба шумораи хонандагон, ки асоси ҳисоби буҷети мактаб мебошад, аз ҷониби мактабҳо ба раёсат/шӯъбаҳои маориф барои тасдиқ пешниҳод мегардад.

## 3. Ҳуқуқ ва вазифаҳои тарафайн.

**Роҳбари муассисаи таҳсилоти умумӣ (минбаъд директор).**

Директори мактаб дар фаъолияти худ ба Сарқонуни(Конститутсия) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти идораи маориф оид ба масъалаҳои таълиму тарбия, қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат, бехатарии техникӣ ва зиддисӯхторӣ ва инчунин оинномаи мактаб ва санадҳои ҳуқуқии дохилимактабӣ такя менамояд.
Директори мактаб масъул аст оид ба:

- ба шӯъбаи маорифи ноҳия ва дигар мақомоти дахлдор пешниҳод намудани маълумоти омории пурра ва дақиқ оид ба мактаб;
- дуруст ҳисоб намудани тарификатсия ва буҷети мактаб;
- самаранок ва мақсаднок истифода бурдани захираҳои молиявӣ ва моддии мактаб;
- интихоб ва дуруст ҷобаҷогузории кормандони мактаб;
- риояи муқаррароти ҳамаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба маблағгузории меъёрӣ;
- дуруст пешниҳод намудани ҳуҷҷат, маълумот ва ҳисобот ба мақомоти дахлдор;
- мақсаднок истифода бурдани маблағҳои мактаб;
- ба шӯъбаи маориф мувофиқа намудани рӯйхати воситаҳои асосии харидоришаванда.

**Директори мактаб вазифадор аст:**

1. Ҷадвали воҳидҳои корӣ ва тарификатсияи мактабро таҳия намуда, барои мувофиқа бо раёсат/шӯъбаи маориф пешниҳод намояд;
2. Муҳосиби мактабро бо кабинети алоҳида ва лавозимоти зарурӣ таъмин намояд;
3. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои молиявиро тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳосибот» таъмин намояд;
4. Ҳангоми иваз шудани роҳбари муассисаи буҷетӣ ва/ё сармуҳосиби он саривақт мақомоти марказӣ ва маҳаллии хазинадориро огоҳ намояд;
5. Талаботи мақомоти марказӣ ва маҳаллии хазинадориро оид ба тафтиши хуҷҷатҳо ва пешниҳоди маълумот ва хуҷҷатҳои иловагӣ барои пешбурди маблағгузорӣ зарур иҷро намояд;
6. Лоиҳаи буҷети муассисаи таҳсилоти умумии худро ба Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон барои шиносоӣ пешниҳод намояд;
7. Ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15 – ум ба Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгорон оид ба иҷрои буҷет ҳисобот пешниҳод намояд.

**Директори мактаб ҳуқуқ дорад:**

1. Тибқи қонунгузории мавҷуда  кормандони мактабро ба кор қабул ва аз кор озод намояд;

2. Созишномаҳо, аз ҷумла созишномаҳои меҳнатӣ ба имзо расонад;

3. Дар асоси шартнома кормандони ғайриомӯзгориро ба кор қабул ва озод намояд;

4. Ҳангоми ворид намудани тағйирот ба буҷети ноҳия мустақилона оид ба кам намудани категорияҳои хароҷотӣ қарор қабул намояд;

5. Метавонанд ба буҷети мактаб, дигар маблағҳои молиявӣ аз қабили даромад аз хизматрасониҳои иловагӣ, маблағҳои сарпарастон, грантҳо, сармоягузориҳо ва ғайраро ҷалб намояд;

6. Метавонад пешниҳодҳои Ассотсиатсияи волидайн ва омӯзгоронро қабул ва ё рад намояд.

Бояд донад:

-санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи маориф, ҳуҷатҳои меъёрии ҳуқуқиро дар масъалаҳои таълим, тарбия, ташкили ҷараёни таълим, ҳуқуқҳои кӯдак, асосҳои қонунгузории меҳнатӣ, асосҳои идора ва иқтисоди маориф, ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ – молиявӣ, усулҳои баҳисобгирӣ, таҳлил ва назорати фаъолияти сохторҳои муассисаи таълимӣ, педагогика, психология, физиологияи кӯдакон ва наврасон, асосоҳои сотсиология (иҷтимоиёт), қоида ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва ғ.

**Сармуҳосиби мактаб**

Мутобиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикитсон «Дар бораи муҳосибот» ҳуҷҷатҳоеро, ки барои қабул ва пардохти маблағ, доду гирифти арзишҳои моливу моддӣ ва дигар уҳдадориҳои қарзӣ ва ҳисобии мактаб асос мешаванд ва инчунин ҳисоботҳои муҳосибавӣ ва баланси муассиса аз ҷониби директор ва ё шахсони аз ҷониби ӯ муайяншуда ба имзо расонида мешаванд. Сармуҳосиб бевосита ба директории мактаб тобеият дорад ва дар баробари ӯ барои ташаккули сиёсати ҳисобдорӣ, пешбурди муҳосибот, пешниҳоди саривақтии ҳисоботи муккамал ва аниқи муҳосибавӣ ҷавобгар аст.

Ба вазифаи сармуҳосиб шахсоне  қабул карда мешаванд, ки таҳсилоти на камтар аз миёнаи касбӣ ва собиқаи кории на камтар аз 3 сол доранд.

Сармуҳосиб мутобиқати амлиёти хоҷагидориро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд, назорати ҳаракати амвол ва иҷрои ӯҳдадориҳоро амалӣ менамояд. Бе имзои сармуҳосиб ҳуҷҷатҳои пуливу молиявӣ, уҳдадориҳои қарзиву молиявии мактаб қобили амал нестанд.

**Сармуҳосиби мактаб вазифадор аст:**

- ташкили дуруст ва самараноки  баҳисобгирии муҳосибавӣ, нигоҳдории ҷиддии тартиби муқарраргардидаи пешбурди он, ҷорӣ намудани шакл ва усулҳои пешқадами ҳисобдории муҳосибавӣ, дар асоси истифодаи васеи технологияи информатсионии муосирро таъмин намояд;

- баҳисобгирии дуруст ва саривақтии воситаҳои асосии ( воситаҳои пулӣ, арзишҳои моливу моддӣ, фондҳои асосӣ ва ғ.) муассиса, бақайдгирӣ дурусти ҳуҷҷатҳо ва инъикоси амалиётҳои вобаста ба ҳаракати ин воситаҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ амалӣ созад;

- баҳисобгирии ҳақиқӣ ва саривақтии иҷрои сметаи хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ – молиявии мактаб ва инчунин амалӣ намудани ҳамаи амалиётҳои молиявӣ, қарзӣ ва ҳисобии мактабро бо бонкҳо ва мақомотҳои дигар ба роҳ монад;

- риояи ҷиддии низоми хазинавӣ ва ҳисобӣ, харҷи дуруcту мақсадноки воситаҳои

аз муассисаҳои бонкӣ ба дастомада, риояи тартиби навишти чекҳо ва нигоҳдории китобчаи чекӣ;

- дуруст ва саривақт аниқ намудани натиҷаи инвентаризатсияи воситаҳои хоҷагӣ ва инъикоси онҳо дар ҳуҷҷатҳои исобҳои муҳосибавӣ;

- пешбурди саривақтии маводҳо оид ба камомад, дуздӣ ва норасоии воситаҳои пулӣ ва арзишҳои моливу моддӣ ва дигар зарароварихо, дар ҳолати зарурӣ пешниҳод намудани ин маводҳо ба мақомоти судӣ – тафтишотӣ;

- тартиб додани баҳисобгирии муҳосибавӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалия ва қайдҳои мувофиқи муҳосиботӣ, сари вақт дар мӯҳлатҳои муқарраргардида пешниҳод намудани онҳо ба мақомотҳои дахлдор;

- амалӣ намудани таҳлили иқтисодии фаъолияти молиявӣ – хоҷагидории мактаб аз рӯи нишондодҳои ҳисоботҳои молиявӣ ва баҳисобгирии муҳосибавӣ

- нигоҳдории бойгонии муҳосибавӣ бо тартиби муқарраргардида;

- ҳармоҳа пешниҳод намудани ҳисобот ба роҳбари муассиса ва ташкилоти болоии маориф.

**Сармуҳосиб ҳуқуқ дорад:**

1. Аз ҳамаи сохторҳои мактаб пешниҳоди саривақтии ҳуҷҷатҳои барои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва назорат зарур буда, фармонҳо, ва инчунин ҳаргуна шартномаҳо, сметаҳо, меъёрҳо ва дигар маводҳоро талаб намояд;
2. Қарори аз кор озод намудан ва интиқоли шахсони масъулияти моддӣ дошта – хазинадор, мудири анбор ва монанди инҳоро мувофиқа намояд;
3. Ҳуҷҷатҳои вобаста ба фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории муассисаро таҳия ва мувофиқа намояд.
4. Ба таври штатӣ ва ё ҳамкор тибқи қонунгузории мавҷуда дар як ё якчанд муассиса фаъолият намояд.

**Сармуҳосиб наметавонад:**

- аз хазинаи мактаб, хазинадорӣ ва бонкҳо бевосита воситаҳои пулии муассисаро ба таври нақдӣ барои истифодабарӣ гирад.

- арзишҳои моливу моддӣ ва дигар воситаҳои асосиро барои мактаб бевосита харидорӣ намояд.

**Хазинадори мактаб:**

- ба категорияи кормандони техникии муассиса мансуб мебошад.

Ба вазифаи хазинадор шахси ҳадди ақҷал таҳсилоти ибтидоии касбӣ дошта бе талабот ба собиқаи корӣ қабул карда мешавад. Таъин ва озод намудани хазинадор бо фармони директор ва пешниҳоди сармуҳосиб амалӣ мешавад. Хазинадор бевосиа ба сармуҳосиб тобеъ мебошад. Дар ҳолати набудани хазинадор (беморӣ, рухсатии меҳнатӣ ва ғ.) вазифаи вайро шахсе, ки бо фармони директор таъин шудааст иҷро мекунад. Шахси мазкур дорои ҳуқуқҳои дахлдор мешавад ва барои сифатнок ва саривақт иҷро намудани ӯҳдадориҳои ба ӯ таъиншуда масъул мебошад.

**Хазинадор бояд донад:**

1. Қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои роҳбарӣ ва меъёрии мақомоти болоӣ ва дигар мақомотҳо оид ба пешбурди амалиётҳои хазинадорӣ.
2. Шаклҳои ҳуҷҷатҳои хазинавӣ ва бонкӣ.
3. Тартиби қабул, пардохт, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории воситаҳои пулӣ ва қоғазҳои арзишнок;

4. Тартиби пур намудани ҳуҷҷатҳои даромад ва хароҷот.
5. Қоидаҳои таъмин намудани бехатарии воситаҳои накдӣ.
6. Тартиби пешбурди китоби хазинавӣ, таҳияи ҳисоботи хазинавӣ;
7. Тартиби истифодабарии компютер;
8. Тартибу низоми дохилии меҳнатӣ.
9. Қоидаҳо ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат.

**Вазифаҳои хазинадор:**

1. Иҷрои амалиётҳо оид ба қабул, пардохт ва нигоҳдории воситаҳои пулӣ ва қоғазҳои қимматнок;
2. Бо тартиби муқаррагардида таҳия намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои ба таври накдӣ ва ғайринакдӣ маблағгузорӣ намудани хароҷоти муассиса;
3. Пешбурди китоби хазинавӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротӣ;
4. Таҳия намудани ҳисоботи хазинавӣ;
5. Таъмин намудани бехатарии воситаҳои пулии дар хазина вуҷуддошта;
6. Саривақт ба сармуҳосиб ва директор дар бораи ҳолатҳои таҳдиди ба таъмини бехатарии арзишҳои бадӯшдоштааш маълумот додан.

**Ассотсиасияи падару модарон ва омӯзгорон (Кумитаи падарону модарон, Шӯроҳои ҷамъиятии волидайн) ҳуқуқ дорад:**

1. Дар ҳаёти ҷамъиятии муассисаи таҳсилоти умумӣ иштирок намоянд;
2. Барои беҳтар намудани заминаи моддӣ – техникии мактаб мусоидат намоянд;
3. Дар бонкҳо суратҳисоб кушоянд;
4. Аз ҳисоби пардохтҳои аъзогӣ ва ё дигар сарчашмаҳо фондҳо ташкил диҳанд;
5. Лоиҳаи аз ҷониби директор пешбниҳодшудаи буҷетро баррасӣ намоянд;
6. Барои баррасӣ ба маъмурияти мактаб оид ба истифодаи маблағҳои буҷавӣ дархосту таклифҳои худро пешниҳод намоянд;
7. Оид ба буҷети мактаб ва иҷрои он аз маъмурияти мактаб ахборот талаб намоянд.

Бандҳои зикргардида танҳо дар ҳолати мутобиқат доштан бо Оинномаи мактаб эътибори амалӣ доранд.

**Шӯъбаи маорифи ноҳия (шахр) ба масъалаҳои зерин масъулият дорад:**

1. Амалӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ (маблағгузории меъёрӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;
2. Дуруст ва саривақт иҷро намудани талаботи Дастурамали мазкур;
3. Саривақт тасдиқ намудани сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мактабҳо;
4. Дар сохторҳои дахлдор ҳамчун шахси ҳуқуқӣ саривақт бақайд гирифтани мактабҳои ноҳия (шаҳр);
5. Ба мақомоти болоӣ саривақт пешниҳод намудани маълумоти омории ноҳиявӣ/ шаҳрӣ, аз ҷумла оид ба иҷрои буҷети мактабҳо.
6. Дастгирии саривақтии машваратӣ ва амалӣ ба мактабҳо дар ҷараёни татбиқи маблағгузории меъёрӣ;
7. Таҳлил (мониторинг)-и истифодабарии маблағи ба мактабҳо ҷудошуда;
8. Назорати харҷи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетии барои мактабҳо ҷудошуда;
9. Назорати пардохти саривақтии музди меҳнати кормандони мактабҳои ноҳия (шаҳр);
10. Таҳлили ҷадвали басти вазифаҳо ва ҳаракати ҳайат дар мактабҳо.

**Иқтисодчии шӯъбаи маориф вазифадор аст:**

1. Ба муҳосибони мактабҳо ёрии амалӣ расонад;
2. Саривақт ба мудири шӯъбаи маориф оид ба татбиқи маблағгузории меъёрӣ ахборот пешниҳод намояд;
3. Дар сатҳи ноҳия/шаҳр ба муҳосибон ва директорони мактаб дар ҳалли масъалаҳои маблағгузории сарикасӣ мусоидат намояд;
4. Саривақт тибқи шаклҳои тасдиқгардида дар шакли чопӣ ва электронӣ барои ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудан ҳисоботи омории аниқу мукаммал, аз ҷумла оид ба иҷрои буҷети мактабҳо пешниҳод намояд.

**Мақомоти маҳаллии молия ба амалҳои зерин масъулият дорад:**

1. Дуруст ва саривақт иҷро намудани талаботи Дастурамали мазкур;
2. Саривақт мувофиқа намудани сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти мактабҳо;
3. Дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудани маълумотҳои дақиқ оид ба соҳаи маорифи ноҳия;
4. Андешидани тадбирҳо оид ба такмили ихтиссоси муҳосибон мактабҳо;
5. Расонидани ёрии машваратӣ ва амалӣ ба мактабҳо дар ташкили фаъолияти молиявӣ - хоҷагидорӣ;
6. Мониторинги рафти ҷудо намудани маблағҳо барои мактабҳо;
7. Назорати тибқи нақшаи тасдиқшгардида истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ дар мактабҳо;
8. Сари вақт ва тибқи дархости мактаб дар доираи нақшаи тасдиқгардида маблағгузорӣ намудани фаъолияти мактабҳо;

## 4. Суратҳисобҳои мактабҳо.

4.1. Маблағгузории мактабҳое, ки шахси ҳуқуқӣ буда соҳиби суратҳисоб дар хазинадории ноҳия мебошанд бо тартиби дар қонунгузорӣ муайянгардида амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин мактабҳо фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявии худро мустақилона мебаранд ва оид ба истифодабарии маблағҳои ҷудогардида ба раёсат/шӯъбаи маориф ва молияи шаҳр/ноҳия ҳисобот пешниҳод менамоянд.

4.2. Маблағгузории мактабҳо, ки дар хазинадорӣ суратҳисоб надоранд ба воситаи суратҳисоби шӯъбаҳои маориф дар асоси дархости роҳбарияти ин мактабҳо амалӣ карда мешавад.

Эъзоҳ:

*Дастурамали маблаггузории сарикасӣ, ки 7 декабри соли 2007 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд, аз эътибор соқит дониста шавад.*